**ПРОТОКОЛИ №40.2**
**ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-013-и назди**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

**аз 04 сентябри соли 2025** **ш. Хуҷанд**

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
**аз 11 нафар аъзои шуро 10 нафар**

**Раиси шуро:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ. Маҷлиси шурои диссертатсиониро оғоз менамоем.

Аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04.08. 2025, №289/шд тасдиқ шудааст, 10 нафар иштирок доранд, ки 5 нафар докторони илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравонд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Алиджанова Сурайё Абдушукуровна дар мавзуи "Ташаккулёбӣ ва инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои Тоҷикистон", барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси комиссияи экспертӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Раҳимов А.М. ва аъзои комиссия, узви шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Дадоматов Д.Н. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Алиджанова С.А. дар мавзуи "Ташаккулёбӣ ва инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои Тоҷикистон", барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Алиджанова Сурайё Абдушукуровна дар мавзуи "Ташаккулёбӣ ва инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст, шунида баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Алиджанова Сурайё Абдушукуровна дар мавзуи "Ташаккулёбӣ ва инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои Тоҷикистон", барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иктисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Раҳимзода Ҳисайн Раҳим (Исайнов Ҳисайн Раҳимович) – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, и.в. мудири кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
- Досиев Маҳмадшоҳ Назарович – доктори илмҳои иктисодӣ, дотсент, мудири кафедраи идоракунии молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Маҳмадалӣ Бахтиёр Набӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таъин гардад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристонидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 20 декабри соли 2025, соати 9:00 муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 10 нафар; муқобил – нест; бетараф – нест. **Якдилона қабул карда шуд**.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Ризозода Т.Р.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Саиджонов С.Ш.**